**Ба Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақриз**
**ба диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Ифротгароии динӣ пеш аз ҳама зуҳуроти иҷтимоӣ мебошад ва бо қишрҳои гуногуни ҷомеа алоқамандӣ пайдо менамояд. Дар навбати худ ифротгароён ба доми онҳо афтодани доираи муайяни одамон ва ба сифати гурӯҳи иҷтимоӣ баромад кардани онҳо ин зуҳуротро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ нишон медиҳад. Аз ҷониби дигар созмонҳои ифротгароӣ ва ифротгароии динӣ аз маҷмӯи ғояҳо ва тамоюлоти мафкуравие иборат аст, ки ҷанбаҳои фалсафии онро асоснок менамояд. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала дар илмҳои фалсафӣ, бахусус фалсафаи иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои ғоявии ин зуҳурот ошкор карда шуда, роҳу усулҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Аз ин рӯ диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таҳдиду хатари ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омилҳои гуногуни дохилию беруна алоқаманд мебошанд. Аз як ҷониб фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик аз ҷониби дигар мавҷудияти чунин созмонҳои тундгаро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамарӯза барои шомил намудани ҷавонони кишвар ба сафҳои хеш ба тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ машғуланд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ маънавию идеологӣ дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ осебпазирии худро

дорад. Аввал ин, ки солҳои аввали истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омад ва чунин вазъ ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонид. Ба ибораи дигар ҷанги шаҳрвандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз масири пешрафт чандин даҳсола берун намуд ва ба қафо кашид. Аз ҷониби дигар, аксарияти кулли аҳолии Тоҷикистон пайрави дини ислом мебошанд ва дар байни онҳо мубаллиғони исломи тундгаро марҳила ба марҳила ғояҳои ифротгароиро таблиғ мекунанд. Қариб ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳое, ки бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифротгароию террористӣ эълон шудаанд хусусияти исломӣ доранд. Дар байни онҳо ҷараёни Салафия, ҳаракати Толибон, Ҳизб-ут-таҳрир, Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ, Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ, Давлати исломӣ ва чанде дигарон хавфу хатари зиёд доранд. Ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ аз чунин вазъияти Тоҷикистон истифода намуда, мақсадҳои идеологии худро дар амал татбиқ кардан мехоҳанд. Мавҷудияти масъалаҳои ҳалталаби иқтисодию иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷомеаи мусулмонии суннатӣ маҳсуб ёфтани Тоҷикистон, дар минтақаи бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ҷойгир будани давлат, дар давраи гузариш қарор доштани мамлакат ва монанди ин масъалаҳо хавфу хатари паҳн гардидани ғояҳои ифротгароӣ ва терроpистиро бештар месозанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар баромаду суханрониҳои хеш пайваста хавфу хатари ифротгароиро ёдоварӣ менамоянд ва ҷиҳати пешгирии он ба мақомоти дахлдор ва сокинони кишвар дастуру супоришҳо медиҳанд. Аз ҷумла, соли 2016 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020” ва соли 2021 “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” қабул гардидаанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки омӯзишу пажӯҳиши ифротгароии динӣ дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он мавзуи хеле мубрам мебошад.

Дар диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур омӯзиши моҳияти ифротгароии динӣ, сарчашмаҳои пайдоиши он, алоқаи ифротгароии динӣ бо зуҳуроти дигари иртиҷоӣ ҳамчун омили халадоркунандаи вазъият дар ҷумҳурӣ барои асоснок намудани мубрамияти мавзуи таҳқиқот ишора мегарданд, ки ба дурустии онҳо ҳеҷ шакку шубҳае нест. Ғайр аз ин, омӯзиши омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ, дарёфти роҳҳои пешгирӣ ва воситаҳои аз байн бурдани он дар шароити тағйирёбии ҷомеа низ ҳамчун масъалаҳои мубрам махсус ишора мегарданд. Бо ишора ба гуфтаҳои боло ва

бо назардошти равандҳои иҷтимоии ҷомеа гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур ба омӯзиш ва таҳқиқи яке аз мавзуъҳои хеле мубрами ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Айни замон ин масъала барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷомеаҳои мусулмонӣ мубрам мебошад. Ин мавзуъ барои ҷомеаҳои мусулмонии пасошуравӣ аҳамият ва мубрамияти хос дорад. Зеро таҳдиду хатари ифротгароии диниро дар шароити имрӯза ҳамаи давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар сатҳи гуногун эҳсос намуда истодаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро ба воситаи натиҷаҳои асосии диссертатсия муайян намудан мумкин аст. Ҳамзамон чи гунае ки аз номи мавзуъ бармеояд, муаллиф кӯшиш намудааст, ки ифротгароии диниро ҳамчун объекти таҳқиқот интихоб намуда, таҳлилу баррасиҳои худро дар атрофи он анҷом диҳад. Ҳарчанд то ба имрӯз масъалаи ифротгароии динӣ аз ҷониби олимони зиёд омӯхта шуда бошад ҳам, дар диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур ин масъала сирф дар доираи методологияи фалсафаи иҷтимоӣ таҳқиқ гардида, ба масъалаи муайян намудани сабабҳои пайдоиши зуҳурот ва дарёфти роҳу усулҳои пешгирии он нигаронида шудааст. Ин тарзи муносибат ба муаллиф имкон додааст, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ба натиҷаҳои нав ноил шавад. Ташхиси диссертатсия нишон дод, ки дар таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ омилҳои гуногуни бавуҷудоварандаи ифротгароии динӣ таҳқиқ гардида, нишон дода шудаанд. Инчунин муаллиф шаклҳои гуногуни ифротгароиро таҳлил намуда, гурӯҳбандии онро пешниҳод гардааст. Дар заминаи чунин амалкард хавфу хатари ифротгароии динӣ дар ҷомеаи навини Тоҷикистон нишон дода шудааст. Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ба омӯзиш ва муайян намудани роҳу усулҳои пешгирӣ намудани ифротгароии динӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир кардааст. Бинобар ин, роҳу воситаҳои пешниҳоднамудаи ӯ на танҳо дар шароити кунунии давлатдорӣ, балки дар ояндаи наздик низ бо назардошти пешомади инкишофи ифротгароии динӣ барои пешгирӣ намудани таъсири манфии ин зуҳурот метавонанд истифода бурда шаванд. Дар таҳқиқоти мазкур таъсири ғоявии ифротгароии динӣ ҳамчун воситаи пешбурди фаъолияти экстремистӣ хеле хатарнок дониста шуда, вобаста ба ин усулҳои ғоявии мубориза бо ифротгароиро пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи методҳои илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Хулосаҳое, ки дар охири ҳар зербоб таҳия шудаанд, дар асоси таҳқиқи илмии масъалаи матраҳгардида ба даст омадаанд ва бо мазмуну муҳтавои зербоб алоқаманд мебошанд. Методҳои

илмии истифоданамудаи довталаб бо ихтисоси илмии интихобгардида мувофиқат менамоянд. Дар таҳқиқоти мазкур шумораи зиёди адабиёти илмӣ истифода шудаанд, ки аксари онҳо бо мавзуи диссертатсия бевосита алоқамандӣ доранд. Аз лиҳози илмию назариявӣ асоснок кардани масъала дар заминаи адабиёти илмии таҳлилгардида имконпазир шудааст. Чунин амали довталаб эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти ӯро хеле баланд мегардонад. Ҳамзамон, муаллиф дар рафти таҳлилу баррасии нишонаҳои ғайриқонунии рафтори ифротгароён санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии давлатиро низ ба таври васеъ истифода кардааст. Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқарраротӣ назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Арзиши назариявии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди гузаронидани таҳқиқот асарҳои илмии ба мавзуъ мутааллиқро дар сатҳи зарурӣ истифода бурдааст. Хулосаҳои муаллиф низ дар заминаи ҷамъбасти таҳқиқот таҳия шудаанд, ки дар ташаккули назарияи ифротгароии динӣ ва умуман дар фалсафаи иҷтимоӣ аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия, аз ҷумла хулосаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва ташаккули худшиносию худогоҳии миллии ҷавонон, хосатан донишҷӯёни донишгоҳҳо ва мутахассисони соҳавӣ мусоидат мекунад. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои мақсаднок ва барномаҳои минбаъдаи муқовимат бо ифротгароӣ ва амалҳои пешгирии ин зуҳурот мавриди истифода қарор дод. Инчунин маводи диссертатсияро дар раванди таълим ва такмили барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ низ истифода намудан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯи мавзуи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 5 маърӯзаи илми қироат намудааст. Теъдоди маводи чопнамудаи муаллиф ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, инчунин тавсияҳои амалии довталаб дар мақолаи илмии ӯ дарҷ гардидаанд. Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар кори диссертатсионии мазкур баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Агар дар таҳқиқоти мазкур алоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм нишон дода мешуд, дар хулосаҳои муаллиф баъзе натиҷаҳои дигар низ ба даст меомаданд. Бояд таъсири ифротгароии динӣ ба терроризм ва радикализм нишон дода мешуд.

2. Ҳарчанд дар таҳқиқоти мазкур ба моҳияти ифротгароии динӣ, сабабҳо ва омилҳои пайдоиши он, роҳу усулҳои пешгирӣ намудани ин зуҳурот диққати зарурӣ дода шуда бошад ҳам, роҳу усулҳои истифоданамудаи ифротгароён камтар омӯхта шудаанд. Дар раванди мубориза бо ифротгароии динӣ ба инобат гирифтани усулҳои фаъолияти ифротгароён имкон медиҳад, ки пешгирии ин зуҳуроти номатлуб боз ҳам хубтар ба роҳ монда шавад.

3. Дар рисолаи диссертатсионӣ дар баъзе мавридҳои зарурӣ таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба зеҳну шуури ҷавонон ва тариқи шабакаҳои мазкур паҳн гардидани ғояҳои ифротгароии динӣ ёдоварӣ шудаанд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза яке аз омилҳои асосии паҳншавии ифротгароӣ маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, агар масъалаи мазкур дар зербоби алоҳида таҳқиқ мегардид, муҳтавои диссертатсия ва эътимоднокии он боз ҳам хубтар мешуд.

Бояд гуфт, ки эродҳои дар боло зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ ба натиҷаҳои таҳқиқот ва сатҳи илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Зеро довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар доираи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии худ амал намуда, масъалаҳои марбут ба онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дарҷ гардидаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ маърӯза кардааст. Вобаста ба мавзуи диссертатсия муаллиф 5 маърӯзаи илмӣ дорад. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопнамудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи пурраи таҳқиқотро дар бар мегиранд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну

мундариҷа бо ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пурра мувофиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ таҳқиқоти мустақилона иҷрогардида ва пурра анҷомёфта ба шумор рафта, аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Сохтори диссертатсия бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент
Раҳматов Убайдулло Нематович _______________

Имзои дотсент Раҳматов У.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур
Абдуҳалимзода Н.А. _______________

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР * ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР * ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО * ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ

Суроғаи муқарриз:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
**Тел:** +992 904 56 75 95

16.02.2024